# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2025. – 183 с.**

Боиси хурсандиву сарфарозист, ки солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқони забоншиноси тоҷик ба омӯзишу таҳқиқи вожаву истилоҳоти соҳавӣ зиёд шудааст. Ин гувоҳи он аст, ки соҳибони забон аз рушди бемайлони ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба муқаддасоти миллат, яъне таъсирпазириву махлутшавии забони адабӣ ва вожаву истилоҳоти соҳавӣ огоҳанд ва барои омӯзишу таҳқиқи шохаҳои гуногуни он кӯшиш намуда истодаанд. Бо вуҷуди таърихи чандҳазорсола доштани вожаву истилоҳоти забони тоҷикӣ, он баъди Инқилоби Октябр, аниқтараш баъди солҳои 30-юми асри XX мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шуданд. Ин раванд дар замони Истиқлоли давлатӣ боз ҳам равнақу шукӯҳи тоза пайдо намуда, марҳила ба марҳила дар ба низоми муаяйн даровардану истифодаи дурусти истилоҳот нақши боризи худро гузошта истодааст.

Диссертатсияи мавриди назар ба омӯзиш ва таҳлилу баррасии вижагиҳои луғавиву сарфии вожаву истилоҳоти маъмуриву коргузорӣ дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Истилоҳоти маъмуриву коргузорӣ дар забони тоҷикӣ собиқаи тулонӣ дошта, марҳилаҳои асосии ташаккули он ба шаклгирии сохти давлатдорӣ ва равобити байнидавлатӣ иртибот дорад. Хусусан дар забони тоҷикӣ-форсӣ, ин навъи истилоҳот ҳанӯз дар замони давлатдории Ҳахоманишиён ва баъдан Сосониёну Сомониён ташаккул ёфта, истифода мешуданд. Аммо, чи хеле ки зикр мешавад, перомуни масоили истилоҳот дар оғози садаи XX то имрӯз донишмандони забоншинос андешаҳои худро иброз намуда бошанд ҳам, барои бартарафнамоии мушкилоти ҷойдошта кифоягӣ намекунад. Яъне, ба таври дигар, ҳоло ҳам мавзуъҳои мушаххасаи баррасинашуда зиёданд ва ин муҳаққиқони имрӯзро, барои омӯхтан, водор менамояд. Аз ҷумла, талаботи замон аст, ки хусусияти забонии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забоншиносии тоҷик, ки то ҳоло таҳқиқоти мушаххас нашудааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шавад.

Диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович, ки ба таҳлилу баррасии хусусияти лексикиву морфологии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бахшида шудааст, аз рӯйи мақсаду вазифа, муҳтаво ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, комилан мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи** таҳқиқи Давлатов Ифтихор Асрорович дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба вижагиҳои луғавию сарфии вожаву истилоҳоти маъмуриву коргузорӣ дар забони тоҷикӣ таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта буд. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намудааст, ки «Ин навъи истилоҳот ба тамоми фаъолияти одамон низ таъсиргузор буда, бо вуҷуди таҳқиқотҳои ҷудогона, ба таври мушаххас таҳлилу таҳқиқ нашудааст. Мушаххас намудани дараҷаи истифода, таърихи баромад, маънои луғавӣ, хусусиятҳои грамматикӣ ва сохтори морфологии ин гурӯҳи истилоҳот барои шинохти пурраи он мусоидат менамояд» (Диссертатсия, с. 4-5).

Таҳлилу баррасии истилоҳоти маъмуриву коргузорӣ аз назари забоншиносони хориҷиву дохилӣ дур намонда, истилоҳшиносону муҳаққиқон ба ҷанбаҳои гуногуни истилоҳот таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Дар ин замина метавон аз Д. С. Лотте, В. П. Даниленко, В. А. Лившитс, Л. С. Пейсиков, А. Д. Хаютин, А.А. Григорян, Д. Саймиддинов, М. Н. Қосимова, С. Назарзода, С. Сулаймонов, М. Ҳ. Султон, Т. Қ. Ҷӯраев, П. Нуров, А. Байзоев ва дигарон ёдовар шуд. Ҳамчунин, ин равандро дар фаъолияти пажуҳишгарии насли нави забоншиносон, унвонҷӯёну аспирантон ва докторантони PhD низ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» андешаҳои мазкурро гувоҳ аст.

Тули бештар аз сад сол аст, ки вожаву истилоҳоти соҳавӣ ва илмӣ дар забоншиносии тоҷик аз ҷониби муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ пажуҳиш шуда, хушбахтона чунин ҳусни таваҷҷуҳ имрӯз ҳам зоҳир мешавад ва паҳлуҳои норавшану таҳқиқнашудаи истилоҳоти соҳаҳои гуногун мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор мегиранд. Таваҷҷуҳи довталаби дараҷаи илмӣ Давлатов Ифтихорро омӯзишу таҳқиқи мавзуи муҳимму зарурӣ – вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ ба худ ҷалб намуда, бо роҳнамоӣ ва роҳбарии номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдураҳмонова Мастура кори илмӣ-таҳқиқии хубу заруриро анҷом додааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд** дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқи мазкур нахустин кори илмиест, ки ба омӯзиш ва баррасии нисбатан мукаммали хусусияти луғавию семантикӣ ва морфологии вожаву истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Он кӯшиши аввалинест, барои таҳлилу баррасӣ ва маънидод кардани унсурҳои луғавие, ки дар коргузорӣ истифода мегарданд. Дар диссертатсияи Ифтихор Давлатов

пажуҳиши истилоҳоти маъмуриву коргузорӣ дар забони тоҷикӣ аз нигоҳи лексикиву маъноӣ, морфологиву грамматикӣ, овонигорӣ, маншаи пайдоиш ба таври мушаххас анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони миллӣ (худӣ)-ву байналмилалӣ (берунӣ) истифода шудаанд. Дар умум, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дурустии маълумот, мутобиқат кардани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи истилоҳшиносии маъмуриву коргузории давраи қадим, миёна ва давраи нави тоҷик, инчунин истилоҳсозиву истилоҳгӯзинии нави коргоҳи таҳқиқии пажуҳишгарон, забоншиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони забон ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл (се зерфасл), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва рӯйхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат мушоҳида мешавад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми забоншиносии

тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи истилоҳоти маъмуриву коргузорӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

**Боби якуми** диссертатсия «Мавқеи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар низоми истилоҳии забони тоҷикӣ» номгузорӣ шуда, дар он бо такя ба манобеъ ва таҳқиқоти қаблан анҷомёфта марҳилаҳои асосии рушди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, хусусияти лингвистии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, мутобиқати савтӣ, хусусияти луғавиву грамматикӣ ва муродифшавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ сурат гирифтааст.

**Фасли якуми ин боб** «Марҳилаҳои асосии рушди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ» номгузорӣ шуда, давраҳои пайдоиш ва рушди истилоҳоти маъмуриву коргузориро дар асоси катибаву навиштаҳои рӯйи сиккаҳо ва бозёфтҳои муҳаққиқон дар бар мегирад.

Дар **фасли дуюми боби якуми** диссертатсия бо номи «Хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ» муҳаққиқ хусусият ва вижагиҳои истилоҳро аз дигар навъи вожаҳо бо истифода аз сарчашмаву андешаҳои пажуҳишгарон нишон дода, ба умумият ва фарқияти тарзи талаффуз ва навишти истилоҳоти маъмуриву коргузории асливу иқтибосӣ, инчунин хусусияти луғавӣ ва грамматикӣ пардохта, зикр менамояд, ки «Истилоҳот ё худ калимаҳои истилоҳӣ як қисми таркибии калимаҳои китобиянд. Мушаххас намудани маънои луғавӣ ва дар ҳамин замина истилоҳпазирӣ шарти асосӣ ба ҳисоб меравад. Вале як фарқи муҳимми вожаҳои маъмурию коргузорӣ аз истилоҳоти дигар соҳаҳои илму фан ва касбу кор дар он аст, ки қисми зиёди ин вожаҳо умумиистеъмоланд ва дар тамоми соҳаҳои ҳаёту фаъолияти инсон ба кор бурда мешаванд» (Диссертатсия, саҳ. 38-39).

Дар **фасли сеюми боби якум**, ки «Муродифшавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ» унвон дорад, ки вазъи истилоҳот, истифодаи истилоҳот, хусусияти сермаъноӣ, муродифшавӣ, омонимӣ ва серсоҳавӣ будан ва дигар ҷанбаҳои истилоҳоти маъмуриву коргузорӣ дар забони тоҷикӣ баррасӣ гардида, дар ин замина гунаҳои дурусту мувофиқ пешниҳод гардида, мушкилоти ҷойдошта таҳқиқу муайян ва барои ислоҳот пешниҳод гардидаанд.

**Боби дуюми** диссертатсияи тақризшаванда «Вижагиҳои луғавию маъноии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» ном дошта, аз чор фасл иборат мебошад. Дар **фасли аввал** ифодашавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бо воситаҳои гуногуни забонӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Фасли **дуюми ин боб** ба манбаъҳои пайдоиши истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ихтисос дошта, муаллиф дар ин фасл таҳлилу баррасиҳои қобили таваҷҷуҳ дорад. Ба андешаи муаллиф яке аз роҳҳои

асосии бой гардидану ба вуҷуд омадани истилоҳоти нав дар забони тоҷикӣ калка маҳсуб меёбад. Бештари калимаҳои бо ин роҳ сохташуда, айнан тарҷума гардида аз рӯйи аналогия ба ҳамдигар мантиқан мувофиқат пайдо мекунанд.

Диссертант дар **фасли сеюми боби дуюм** («Истилоҳоти куҳнашуда») ба баррасии вожаву истилоҳоти маъмуриву коргузории давраҳои қадим, миёна ва нави забони тоҷикӣ-форсӣ пардохта, бо овардани мисолҳои мушаххас тобишҳои маъноӣ, давраҳои корбасту истеъмол, куҳнашавӣ ва эҳёшавии дубораи баъзеи онҳоро бо мисолҳо аз осори бозмонда нишон додааст.

Фасли **чоруми боби дуюм** «Истилоҳоти иқтибосӣ» ном дошта, дар он роҷеъ ба иқтибосот, тарзи вомгирӣ, истифодаи хаттиву шифоҳӣ, мувофиқгардонӣ ба савтиёту қолабҳои роиҷи забони модарӣ, тарҷума, ҷиҳатҳои мусбату манфӣ ва нақшу нуфузи истилоҳоти иқтибосӣ аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ ба таври дақиқ баррасӣ гардидаст.

**Боби сеюми диссертатсия** «Сохтори морфологии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ» номгузорӣ шуда, дар чор фасли он сохтори истилоҳоти маъмуриву коргузорӣ, ки ба сода, сохта, мураккаб ва омехта гурӯҳбандӣ шудааст, таҳқиқу баррасӣ мегардад.

**Фаслҳои якум,** ки истилоҳоти содаи маъмуриву коргузорӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст, ҳамчун заминаи асосии истилоҳоти сохта, мураккаб ва таркибӣ арзёбӣ гардидаст. Фаслҳои **дуюму сеюм** ба истилоҳоти сохтаву мураккаб тааллуқ дошта, нақш ва мақоми пешванду пасвандҳо, миёнвандҳо, пешоянд ва ҳиссаҳои гуногуни нутқро дар вожасозиву истилоҳсозии маъмуриву коргузорӣ нишон додааст. **Фасли чоруми ин боб** ба истилоҳоти омехта бахшида шуда, нақши воситаҳои таъсиргузор муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, дар сохтани истилоҳоти маъмуриву коргузорӣ аз воситаҳои морфологӣ, асосан пасвандҳои –<u>ӣ</u>, –<u>а</u> ва –<u>анда</u>-ро таҳқиқ кардааст, ки шоистаи таъкид ва таҳсин мебошад.

**Хулосаи диссертатсияи** Давлатов Ифтихор Асрорович фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 13 банд фароҳам омадааст ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

**Диссертатсияи** Давлатов Ифтихор Асрорович аҳаммияти илмӣ ва амалиро соҳиб аст. Ба унвони бартарӣ ва аҳаммияти амалии диссертатсияи мазкур хулоса ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро метавон зикр намуд, ки имкон дорад дар раванди таълими фанҳои истилоҳшиносӣ, назария ва амалияи ҳуҷҷатнигорӣ ва дафтардорӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои амалии марбут ба хусусияти сохтории истилоҳотро дар дарсҳои ҳуҷҷатнигорӣ ва ташкили коргузорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин, дар навиштан

ва тахия намудани китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, навиштани диссертатсияҳои номзадию докторӣ ва дигар корҳои илмию таҳқиқӣ истифода бурдан мумкин аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ-пажуҳишӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфт дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи диссертант, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ба андешаи мо, беҳтар буд, ки боби якуми диссертатсия, ки «Мавқеи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар низоми истилоҳии забони тоҷикӣ» ном дорад, **«Ҷойгоҳи истилоҳоти маъмуриву коргузорӣ дар низоми лексикии забони тоҷикӣ»** номгузорӣ мегардид. Дар ин сурат номи боб равону сода гардида, ду бор такрор шудани вожаи «истилоҳ» аз байн мерафт.

2. Дар муқаддимаи диссертатсия ба бахши «дараҷаи таҳқиқи мавзуъ» камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардида, ягон тадқиқоти анҷомшуда дар забоншиносии дохилӣ ё хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифт (Дисс. саҳ. 5-7) арзиши корро боз ҳам баландтар мегардонид.

3. Дар диссертатсия ва автореферат ба ҷойи истилоҳи «сабк» истифодаи «услуб» беҳтар мебуд. Сабк бештар зимни таҳқиқи адабиётшиносӣ ба кор меравад, дар забоншиносӣ бошад, услуб маъмул аст. Ба ин монанд ҳарчанд истифодаи ибораи «манбаъҳои пайдоиш» бад нест, аммо ба андешаи мо, корбурди «Баромад» ё «этимология» дар ин замина беҳтар аст.

4. Фасли дуюми боби дувум «Баромад//этимологияи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ» номгузорӣ мегардид, хубтар буд.

5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 5, 27, 39, 44, 59, 80, 112, 151) ва техникӣ (саҳ. 80, 114, 116, 119, 139) ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда сифати кори анҷомдодаро боз ҳам баландтар мегардонад.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Давлатов Ифтихор Асрорович ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

**Хулоса,** диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, муовини
директор оид ба корҳои илмӣ ва таълимии
Маркази мероси хаттии назди Раёсати
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ёраҳматзода Ш.Р.
«30» августи соли 2025.

Суроға: 734037, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Қаротегин 1, бинои 1, ҳуҷраи 7
Тел.: (+992) 900-13-31-41
E-mail: shodijon26.11.93@mail.ru

Имзои Ёраҳматзода Шодиҷон
Рамазонро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадри
Маркази мероси хаттии назди Раёсати
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Майдонов М.К.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 35.
Телефон: (+992-37) 227-58-20; факс: 221-22-40.
E-mail: merosikhatti@inbox.ru
«30» августи соли 2025.